**Тақризи**

мушовири илмии диссертатсияи доктории Нурулҳақ Қамар
«Салафия: назария ва амалия» С. Аҳмадов, профессори кафедраи
онтология ва назарияи маърифати ДМТ

Рисолаи докторӣ ба яке аз масъалаҳои бисёр муҳиму камтаҳқиқшудаи илми диншиносӣ бахшида шудааст. Муҳиммияти таҳқиқот дар онаст, ки маҳз идеология ва таълимоти салафия дар олами ислом мавқеи муайянкунанда пайдо карда, сарчашмаи аксари равияҳои ифротӣ гардидааст Он ба радикализми ҳанбалия такя намуда, ғояҳоеро пайгирӣ мекунад, ки тухми низоъю душманиро дар байни мусулмонон меафканад. Салафия ғояи бунёди давлати исломиро тарғиб намуда, ихтилофи худро  ба ҳар гуна таъғйироти иҷтимоӣ ва маънавӣ нишон дода, исломи ноби давраи пайғамбар ва хулафои рошидинро васф намуда, диндоронро пойбанди хурофоту муносибатҳои асримиёнагӣ месозад, ҷомеаи исломиро ба пешравиҳои илмӣ-иҷтимоӣ ва фарҳанги замони муосир муқобил гузошта, аз модернизатсияи он дар канор мегузорад.

Заминаҳои ғоявии ҳамаи созмону ҷараёнҳои муосири ифротӣ ва ҳатто террористӣ, бо таълимоти салафия айният пайдо кардаанд, аз ҷумла, ҷомеаи «Ихвон-ул-муслимин», Ҳизби таҳрири исломӣ, Наҳзати исломии Тоҷикистон,Ҷунбиши Толибон, ДИИШ ва ғайра. Салафиҳо азбаски «салафи солеҳин» дар байни мусулмонон аз ибтидои ислом эҳтироми хоссаро ба вуҷуд оварда, таваҷҷуҳи онҳоро ҷалб кардааст, ҳамаи равияҳои фиқҳи исломӣ худро пайрави салафи сопеҳ хондаанд, аз ин боварии мусулмонон суистифода карда, ҳар гуна ғояҳои экстремистиро дар он ҷой дода, онро ҳамчун исдоми асил пешниҳод мекунанд. Аз ҷумла.принсипҳои ҷиҳод, такфир, ҳакимия ва тавҳиди исломиро ба таври худ, аз мавқеи ифроти динӣ, тафсир намуда,ба ифроту тафрит роҳ медиҳанд ваонро намунаи исломи асил намудор месозанд.Дар асл онҳо ба як раввияи ҷиҳодӣ- такфирӣ табдил ёфтаанд,

ҳол он ки ин аслҳо дар исломи муътадил чунин хусуияти ифротӣ надоранд.

Муаллифи рисола тавонистааст дар баробари нишон додани моҳияти иртиҷоии талимоти салафия фарқияти таълимоти дигар равияҳои муътадили фиқҳиро, аз ҷумла шуҳратмандтарин равияи фиқҳӣ-ҳанафияро нишон диҳад.Дар диссертатсия салафия ҳамчун як низоми мукаммали таълимоти фиқҳӣ ва сиёсӣ тасвир шудааст, ки дар воқеъ дуруст аст, зеро таълимоти салафия фақат талимоти фиқҳӣ нест, он ба як назарияи умумии сиёсӣ дар ҷаҳони имрӯза табдил гардидааст ва дар амалияи бисёр ҳизбу созмонҳои сиёсӣ истифода мешавад. Дар аксари кишварҳои исломӣ имрӯз ин ҳаракат паҳн шудааст, ки дар бисёри онҳо салафия вазъияти сиёсии онҳоро ноором сохта истодааст. Ҷумҳури арабии Миср, Ироқ Афғонистон намунаи он мебошанд.

Ҷунбиши салафия махсусан барои низомҳои дунявии кишварҳои минтақаи исломӣ хатарнок аст.Ин хатар дар диссертатсия бо мисолҳои мушаххас ва далелҳои эътимодбахш нишон дода шудааст. Аксари ин давлатҳо аз нигоҳи иқтисодӣ давлатҳои дар ҳоли рушд мебошанд, ба интихоби роҳи дурусти пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ эҳтиёҷ доранд. Салафия хилофи истққлолияти онҳо баромад карда, мушкилиҳо дар пешрафти онҳо эҷод мекунад. Дар натиҷа вазъи ноороми сиёсии эҷодшуда ба онҳо имконият намедиҳад, ки тамоми имкониятҳои давлатро ба пешравии истеҳсолот ва таҳкими давлатдории худ сафарбар намоянд.

Сохти дунявии давлат дар замони ҳозира он сохти мувофиқе аст, ки метавонад пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ин кишварҳоро таъмин намояд. Аммо салафия ба истиқлолияти миллии ин кишварҳо зид буда, идеяи давлати ғайримиллии хилофати исломиро пеш мебарад, ки дар замони ҳозира ташкиди чунин давлат ғайриимкон аст. Он зидди давлати миллӣ мебошад. Дар рисопа ин зиддият ба таври равшан, бо овардани мисолҳо аз ҳаёти кишварҳои минтақаи ислом нишон дода шудааст. Дар рисола ба пайдоиш ва нуфузи салафия дар Тоҷикистон

тавачҷуҳи хос зоҳир шудааст. Сабабҳои пайдоиш,зарару тасири манфии он муайян карда шудааст. Нишон дода шудааст, ки таълимоти салафия бо мазҳаби мардуми тоҷик мазҳаби ҳанафия ихтилоф дошта,зидди истиқлолияти давлатӣ,фарҳангу миллати тоҷик аст.Ифтихороти миллӣ, шаъну эътибори миллати тоҷик вафарҳанги онро паст мезанад. Аз ин рӯ, бояд мрдуми тоҷик  аз таъсиру нуфуузи он озод шуда, давлати мустақили худро таҳким бахшида, ба фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои таърихии давлатдорӣ, суннатҳои миллӣ ва ҳатто суннатҳои диндории худ дар партави фиқҳи Абуҳанифа такя намояд ва давлати дунявии худро таҳким бахшад. Дисснртатси  ҳамаи ин масъалаҳоро дуруст дар дараҷаи баланди илмӣ таҳқиқ ва ҳал намудааст ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илм  аз рӯи тахассуси 09.00.14-фалсафаи дин ва диншиносӣ мебошад.

Мушовири илмӣ: д.и.ф., профессори кафедраи

онтология ва назарияи маърифати ДМТ. Аҳмадов С.

Имзои д.и.ф., профессор С. Ахмедовро тасдиқ мекунам.

Сардори Рёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.

04.01.2024